«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон
д.и.и., профессор Файзулло М.К.
«__14__» ___04___ соли 2025

# ХУЛОСАИ

## кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ДСРТ)

Таҳқиқоти диссертатсионӣ Алимардонзода Бобохон Маҳмади дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX–ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) дар кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии ДСРТ ба анҷом расидааст.

Алимардон Б.М. соли 2012 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро бо ихтисоси муаррих ва ҷомеашинос, омӯзгори фанни таърих хатм намудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм” ва “Забони англисӣ” тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон супорида шудааст.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои таърих, профессор Маликов Маҳмуд Ҳакимович ба ҳайси профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Мавзуи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи Шурои олимони ДСРТ таҳти фармони - №472-ст аз 02.09.2019 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи рисола дар маҷлиси кафедраи таърихи умумӣ ва ватанӣ ДСРТ аз 11 апрели соли 2025, протоколи №6 хулосаи зерин бароварда шуд:

**Баҳо ба рисолаи унвонҷӯ**.

Диссертатсияи Алимардонзода Б.М. дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX–ибтидои асри XXI)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошта шуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

**Мутобиқати мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия** ба самтҳои афзалиятноки тараққиёти илм, техника ва технологияи муосир дар ҷумҳурӣ, ки ба ҷараёни барқикунонии кишвар, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва интиқоли қувваи барқ ба хориҷ ва ташкили бозори электрикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, мусоидати мухим дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503)» иртибот дошта, масъалаи гиромидошти таърихи пурғановати миллати тоҷик ва таҳқиқи он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба шумор меравад.

**Мубрамияти мавзуъ.** Масъалаҳои электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар назди Ҳукумати Тоҷикистони Шуравӣ ва Ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлолу якпорча мавқеи махсус доштанд. Сабаби асосии ин вазъ аз он иборат буд, ки ноҳияҳои ин минтақа ҳамчун мавзеи муҳофизатии наздисарҳадӣ бо Афғонистон ба ҳисоб мерафтанд. Аз ин рӯ, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои назди сарҳадӣ дар таҳти назорати махсуси ҳукумати кишвар қарор дошт. Бо дарназардошти ин омил дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ дар ин

минтақа аввалин роҳҳо бо рӯйпӯши сахт сохта шуда, равшании электрикии аввалин гузаронида шуд. Аз 250 истгоҳи барқии барои ҷумҳурӣ ҷудо кардашуда ба ин ноҳияи наздисарҳадӣ 73 истгоҳи барқии сайёре, ки бо сӯзишворӣ кор мекарданд ва ғайр аз хатҳои сарҳадӣ онҳоро наздиктарин нуқтаҳои аҳолинишин истифода мебурданд, интиқол дода шуд. Маҳз дар ҳамин минтақаҳо аввалин муассисаҳои нави маъмурию фарҳангӣ сохта шуданд. Дар даврони шуравӣ, агар, аз як тараф, электрикунонӣ асоси инкишофи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бошад, пас аз тарафи дигар, ба Ҳокимияти Шуравӣ нишон додани афзалияти низоми сиёсии худ аз Афғонистони нимфеодалӣ ва нимкапиталистӣ лозим буд. Дар баробари ин, дар давраи истиқлолият масъалаи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқӣ хеле мубрам гашт. Аммо ба ақидаи мо, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа ба воситаи электрикунонӣ неруи асосии истеҳсолкунанда ва созмондиҳандаи инкишоф ва ободии минтақа маҳсуб меёбад. Мутаассифона, ин масъалаҳо дар маҷмуъ, қаблан аз madди назари муҳаққиқони ҳамаи равияҳо берун монда буданд. Имрӯз барои муҳаққиқони соҳаҳои гуногун вақти он фаро расидааст, ки ғайр аз муҳокимаи ин масъалаҳо ба таҳқиқи он бештар таваҷҷуҳ намоянд. Масалан, таҳқиқоту корҳои алоҳидае, ки муҳимтарин масъалаҳои электрикунонии минтақаро дар тамоми давраи баъдиҷангӣ равшан месозанд, ҳанӯз анҷом дода нашудаанд. Ғайр аз ин, иттилоот дар бораи электрикунонии минтақа баъди ба истифода супоридани НБО Ивазшаванда (Перепадная ГЭС Вахшского каскада – эзоҳи мо) ва Марказӣ, ки ҳанӯз баъди ба истифода супоридани қисми асосии НБО Норак фаъолият доштанд, кофӣ нест. Ҳатто агар қувваи барқ дар ин истгоҳи барқӣ аввалин бор ба минтақаҳои номбурда расида бошад ҳам, маълумот дар бораи он ки чӣ тавр раванди мазкур ба рушдёбии истеҳсолкунандагии равандҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ, фарҳангу иҷтимоиёти онҳо таъсир расонидааст, ё хеле кам аст, ё тамоман

вуҷуд надорад. Бисёре аз масъалаҳо, аз қабили вазъи афзалиятноки минтақаи мазкур, мавҷудияти равандҳои тезшавандаи электрикунонии минтақа ва таъсири ин равандҳо ба ташаккулёбии инкишофи ин минтақа то ба ҳол равшан нестанд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши ҷиддӣ ва таҳлили ҷузъиёти масъалаҳои мазкур пеш омад, ки ин мубрамии мавзуи таҳқиқшавандаро муайян мекунад.

Дар матбуоти даврӣ сарчашмаҳо, адабиёт ва интишороти сершуморе мавҷуд аст, ки масъалаҳои энергетика, таърихи электрикунонии Тоҷикистон, ташаккулёбии маҷмааи сӯзишворию энергетикиро омӯхта, аз ҷиҳати илмӣ аҳаммияти байналхалқии сиёсати энергетикии Тоҷикистони соҳибистиқлолро инъикос ва таҳлил намудаанд. Таҳлили манбаъҳо ва адабиёти нашршуда собит месозад, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ ва энергетикӣ кишвари сарватмандтарини Осиёи Марказӣ мебошад. Вале муҳаққиқон дар корҳояшон, ки мақсади онҳо нишон додани манзараи умумии рушди энергетикии ҷумҳурӣ аст ва яке аз масъалаҳои муҳим, яъне илман тасвир намудани манзараи таърихии электрикунонии минтақаи ҷанубу шарқии Тоҷикистонро дарбар мегирад, баррасӣ накардаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии воқеъбинонаи ин масъала низ мубрамии мавзуи таҳқиқ ва объекти онро муайян месозад

**Навоварии илмии рисола**:

– аксарияти маводи мавзуи мазкур таҳлил карда шуда, дар навбати аввал баҳои илмии онҳо дода шудааст.

– дар минтақа ғайр аз дарёҳои калон дарёҳои Панҷ, Кофарниҳон ва Яхсу ба ҳайси сарчашмаҳои иловагии истеҳсоли қувваи барқ баррасӣ шудаанд;

– сарчашмаҳои асосии истеъмоли қувваи барқ дар ин минтақаҳо нишон дода шудаанд;

– дараҷаи истифодабарии қувваи барқ аз тарафи хоҷагиҳои фермерӣ ва аҳолии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон барои эҳтиёҷоти

истеҳсолии хоҷагии деҳот, корхонаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ, фарҳангӣ ва маишии аҳолии деҳот муайян карда шуд;

– аҳаммияти таърихии қувваи барқ дар тағйирёбии ҳаёти фарҳангии аҳолии Тоҷикистон инъикос ёфтааст;

– зарурати созмондиҳии маҷмааи сӯзишворию энергетикии Тоҷикистон ва аҳаммияти он барои мунтазам бо шабакаи барқӣ таъмин кардани ҳамаи минтақаҳои кишвар асоснок карда шуд;

аҳаммияти байналхалқии сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ доир ба электрикунонии ноҳияҳои наздисарҳадӣ муайян карда шудааст;

– заминаҳои моддӣ ва дурнамои сохтмони истгоҳҳои барқии нави хурд, миёна ва калон дар ҳудуди Тоҷикистон муайян карда шуданд;

– дурнамои рушди энергетикӣ ва электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон асоснок карда шуд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои чопшудаи диссертант чор мақола дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ба нашр расидаанд:

1. Алимардонов, Б.М. Таъсири захираҳои обӣ-энергетикӣ ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон / Б.М. Алимардонов // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020. - №3 (47). –С. 15-20.
2. Алимардонов, Б.М. Электрикунонии ноҳияҳои ҷанубушаркии Тоҷикистон ва аҳамияти иҷтимоию фарҳангии он / Б.М. Алимардонов // Паёми донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих). - 2021.- №3(43), С. 166 -173.

3. Алимардонов, Б.М. История изучения энергетических ресурсов и энергообеспечения горних районов таджикистана / Б.М. Алимардонов // “Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2022. - №6 (101). –С. 295-300.

4. Алимардонов, Б.М. Масоили мубрами бо энергияи барқ таъмин намудани аҳолии манотиқи наздисарҳадӣ /М.Ҳ. Маликов, Б.М. Алимардонов // Муаррих. – 2023. - № 1 (33). – С.72-77.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Рисола дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии ДСРТ муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ 12 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Маводи таҳқиқи мазкур метавонанд зимни тарҳрезии масъалаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик, фарҳанги он, энергетикаи вилояти Хатлон, дар таҳқиқоти иловагӣ доир ба таъриху фарҳанги минтақаҳои гуногун ва ноҳияҳои кишвар, зимни гузарондани курсҳои алоҳида доир ба таърихи энергетикаи кишвар ва ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик, дар бозгашт ба равшансозии масъалаҳои фаромӯшшудаи сиёсати Ҳукумати Шуравӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди фарҳангии ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навиштани асарҳои алоҳида, рисола ва мақолаҳои истифода шавад, ки онҳо ташаккулёбии маҷмааи обию энергетикии Тоҷикистонро, бо инобати дурнамои азхудкунии захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар, ки онҳо имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандҳои фарҳангии Тоҷикистонро равшантар месозанд, ба пуррагӣ нишон

медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Ҳамаи давраҳои татбиқи нақшаи кори илмӣ, аз қабили коркарди мавзуъ, асосноккунӣ ва аҳаммияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он риоя шуданд ва бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муаллиф маводи таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони шуравӣ ва давраи истиқлолият муфассал таҳлил карда, дар таҳқиқи он саҳми худро гузоштааст. Доир ба мавзуи рисола муаллиф ба натиҷаҳои муайяни илмӣ омада, таклифу тавсияҳои худро баён кардааст ва мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

**Пешниҳоди диссертасия ба Шурои диссертатсионӣ.**

Бобҳои диссертастия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳезӣ шуда, баррасию таҳқиқи он дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасимиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонзода Б.М. дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX–ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) мутобиқат менамояд.

барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ пешниҳод карда мешавад.

Ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонзода Б.М. дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX–ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад чун кори илмӣ- тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи Низомномаи КОА- иназди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонзода Б.М. дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX–ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) барои ҳимоя пешниҳод гардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва ватании факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар маҷлис 17 нафар иштирок доштанд: аъзои кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, инчунин мутахассисон аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон - Пирумшоев Ҳ.П., Абулхаев Р. А.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 17 нафар; «Зид» -нест; «Бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул гардид. Протоколи №6 аз 11 апрели соли 2025.

Раисикунанда,
мудири кафедраи Таърихи умумӣ
ва ватании факултети таърих ва
муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи славянии Россия ва
Тоҷикистон н. и.т., дотсент — Артиков А.А.

Котиби маҷлис — Махкамова С.Г.

Имзоҳои Артиков А.А. ва Махкамова С.Г.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов А. А.

**Нишонӣ**: 734025, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Тел. 227-76-93; www.rtsu.tj,

«14» 04 2025 с.